**Сатрҳои тозаи устод Рӯдакӣ**

Рӯзи 2-ӯми ноябрь дар маҷлисгоҳи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин ба тариқи тантанавӣ Конференцияи илмии профессорону муаллимони УДТ, ки ба ҷашни 50-солагии Революцияи Кабири Социалистии Октябрь бахшида шудааст, оғоз ёфт. Конференцияро ректори университет, академики АФ РСС Тоҷикистон С. Раҷабов бо сухани муқаддимавӣ кушод.

Сипас, дар мавзуи «Инқилоби Октябр ва халқи тоҷик» академики Академияи илмҳои педагогии СССР, профессор М. Эркаев маърӯзаи муфассал кард.

Одатан, натиҷаи тадқиқоти олимон, ҳосили меҳнати пуршиддати фикрии муҳаққиқон дар маҷлисҳои чунин конференцияҳои илмӣ эълон карда мешаванд. Аз ҳамин сабаб, маҷлисҳои конференция хеле шавқоваранд.

Секцияи «Адабиёт ва фольклори тоҷик», ки ду рӯз - 3 ва 4-уми ноябрь дар «Ганҷинаи Ҷомӣ» идома ёфт, ҷолиби диққат буд, зеро дар маҷлисҳои он даҳ маърӯза ва ахбороти пурқимати илмӣ хонда шуданд. Чунончи, доцент М. Давлатов дар хусуси чанд асари навёфтшудаи Абулқосим Лоҳутӣ маълумот дод, ки онҳо дар маҷмӯаи «Лаолии Лоҳути» соли 1920 ё 1921 дар Истамбул нашр шуда буданд.

Адабиётшиноси соҳибистеъдод С. Имронов бозьёфти аҷибе эълон намуд. Ӯ дар бораи «Саҳоҳ-ул-фурс» ном фарҳанг ахборот дод. Ин асар барои таърихи адабиёти мо аҳамияти бениҳоят калоне дорад. Дар ин сарчашмаи пурфоида 16 байти то хол номаълуми устод Рудакӣ, 6 рубоии Меҳастии Хуҷандӣ, як қитъаи Фирузии Машриқӣ ва боз бисьёр шеърҳои дигар шоирон мавҷуданд, ки онҳо алҳол дарҷ нагардидаанд.

Ходими илмии шӯъбаи шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон Ҳабибов аз хусуси Мубораки Вахонӣ сухан гуфт, ки мардум аз ҳаёту эҷодиёти ин шоири охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX кам огаҳ буданд.

Маърӯзаҳои илмии профессор Ш. Ҳусейнзода - «Доир ба назми классикӣ ва навпардозиҳо дар шеъри муосир», аъзо-корреспонденти АФ РСС Тоҷикистон С. Табаров - «Инқилоби сурх»-и Лоҳутӣ ва назираҳои он», аспирант А. Сатторов «Назарияи шеър дар асри XV» ва ғайра аз ҷиҳати мавзӯъ, мундариҷа, моҳият ва арзиши илмӣ ҷолиби диққат буданд.

Умуман, адабиётшиносони факультети филологии УДТ ҷашни фархундаи Октябрьро бо бозьёфтҳои муҳимми илмӣ пешвоз гирифтанд.

**М. РАҲИМ.**

М ва м 11 нояб. 1967 с 3

# Сатрҳои тозаи устод Рӯдакӣ

Рӯзи 2-юми ноябрь дар маҷлисгоҳи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин ба тариқи тантанавӣ Конференцияи илмии профессорону муаллимони УДТ, ки ба ҷашни 50-солагии Революцияи Кабири Социалистии Октябрь бахшида шудааст, оғоз ёфт. Конференцияро ректори университет, академики АФ РСС Тоҷикистон С. Раҷабов бо сухани муқаддимавӣ кушод.

Сипас, дар мавзӯи «Инқилоби Октябрь ва халқи тоҷик» академики Академияи илмҳои педагогии СССР, профессор М. Эркаев маърӯзаи муфассал кард.

Одатан, натиҷаи тадқиқоти олимон, ҳосили меҳнати пуршиддати фикрии муҳаққиқон дар маҷлисҳои чунин конференцияҳои илмӣ эълон карда мешаванд. Аз ҳамин сабаб, маҷлисҳои конференция хеле шавқоваранд.

Секцияи «Адабиёт ва фольклори тоҷик», ки ду рӯз — 3 ва 4-уми ноябрь дар «Ганҷинаи Ҷомӣ» идома ёфт, ҷолиби диққат буд, зеро дар маҷлисҳои он даҳ маърӯза ва ахбороти пурқимати илмӣ хонда шуданд. Чунончи, доцент М. Давлатов дар хусуси чанд асари навёфтшудаи Абулқосим Лоҳутӣ маълумот дод, ки онҳо дар маҷмӯаи «Лаолии Лоҳутӣ» соли 1920 ё 1921 дар Истамбул нашр шуда буданд.

Адабиётшиноси соҳибистеъдод С. Имронов бозъёфти аҷибе эълон намуд. Ӯ дар бораи «Саҳоҳ-ул-фурс» ном фарҳанг ахборот дод. Ин асар барои таърихи адабиёти мо аҳамияти бениҳоят калоне дорад. Дар ин саргашмаи пурфоида 16 байти то ҳол номаълуми устод Рӯдакӣ, 6 рубоии Меҳастии Хуҷандӣ, як қитъаи Фирӯзии Машриқӣ ва боз бисьёр шеърҳои дигар шоирон мавҷуданд, ки онҳо алҳол дарҷ нагардидаанд.

Ходими илмии шӯъбаи шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон Ҳабибов аз хусуси Муборак Вахонӣ сухан гуфт, ки мардум аз ҳаёту эҷодиёти ин шоири охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX кам огаҳ буданд.

Маърӯзаҳои илмии профессор Ш. Ҳусейнзода — «Жанр ба назми классикӣ ва навпардозиҳо дар шеъри муосир», аъзо-корреспонденти АФ РСС Тоҷикистон С. Табаров — «Инқилоби сурх» и Лоҳутӣ ва назираҳои он», аспирант А. Сатторов — «Назарияи шеър дар асри XV» ва ғайра аз ҷиҳати мавзӯъ, мундариҷа, моҳият ва арзиши илмӣ ҷолиби диққат буданд.

Умуман, адабиётшиносони факультети филологии УДТ ҷашни фарҳундаи Октябрьро бо бозъёфтҳои муҳимми илмӣ пешвоз гирифтанд.

**М. РАҲИМ.**